Акрамова Г., Алимжанова Ф., Михридинова Т.С.

# САВОДОМӮЗӢ

Китоби дарсӣ барои синфи 1
Мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ

**Қисми 2**

*Вазорати маорифи Ҷумҳурии Қазоқистон тасдиқ кардааст*

**Алматы**
**«Жазушы»**
**2016**

УДК 373.167.1(075.2)
ББК 74.202.4
А34

## АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

 – хониш

 – кор бо ҷуфт

 – кор бо гурӯҳ

 – дар ёд дор!



– бурдани тадқиқод

 – кори эҷодӣ

 – ба дафтар навис

 – муаллима мехонад

 – кор бо падару модар

 – бозӣ

 – фикр кунед

 – суҳбат

 – супориш

 – иҷрои вазифа

**Акрамова Г.Б. ва дигарон.**
А34 **Саводомӯзӣ:** Китоби дарсӣ барои синфи 1 мактаби умумитаълимӣ. 3-қисм. / *Г.Б. Акрамова, Ф.А. Алимжанова, Т.С. Михридинова.* **Қисми-2.**– Алматы: «Жазушы», 2016.– 152 б., сур.

ISBN 978—601—200—527—1

**УДК 373.167.1(075.2)**
**ББК 74.202.4**

© Акрамова Г.Б., Алимжанова Ф.А.
Михридинова Т.С., 2016
© «Жазушы» (тадж.), 2016
Барлық құқықтары қорғалған
Басылымның мүліктік құқықтары
"Жазушы" баспасына тиесілі

ISBN 978—601—200—527—1 (қисми 2)
ISBN 978—601—200—525—7

## Дӯсти азиз!

Шумо ин китобро хонда истода ба дунёи аҷоиботи ҳарф ворид мегардед. Барои нағз омӯхтанатон ва хонданатон бисёр одамон хизмат карданд. Олимон ва муаллимон мазмуни ин китобро тайёр намуданд. Ҳамаи ин хизматҳо барои шумоён, ки дар оянда одами бузург шуда, барои Ватани азизу ягонаамон хизмат намоед. Ватанамонро дӯст доред, бо ёрии илму маърифати худ барои пешрафти он ёрӣ расонед.

Дар омӯзиши илмҳои нав ба шумоён омад ва муваффақиятҳои беназир орзумандем.



## Дарси 76 Овози [И]. Ҳарфи [И] [и].

**1.** Фикр кунед.



Гӯед, ки дар расмҳо чӣ тасвир ёфтааст?

Калимаҳое, ки дар таркибашон ҳарфи И дорад номбар кунед.







Изи пойи чӣ аст он
Изи хирс аст ё инсон.



**2.** Хонед.



### Хирс

На-сим а-на хирс.
Ин хо-наи хирс.
Ман, хирс а-сал хур
А-сал ши-рин



им-ми
ин-ни
ир-ри
их-хи

**3.** Аз рӯи расм ҳикоя кунед.





**4.** Хонед.

О-и-на На-сим За-ми-ра

Ши-рин хо-наи а-сал

## Оина

На-сим а-на о-и-на. О-ина аз За-ми-ра.
О-и-наи За-ми-ра хуш-рӯ.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ми | ли | си | за | мӯ | лӯ | сӯ |

| |
|---|
| О |
| А |
| У |
| Ӯ |
| Й |

| |
|---|
| М |
| Н |
| Р |
| Ш |
| Л |
| Х |
| С |
| З |



Фикр кунед дар бораи хонаи ҳарф чӣ гуфта метавонед.



# Дарси 77 Табиатро бо ёрии энсиклопедия меомӯзем

**1.** Биёед, дар бораи табиат сухан меронем

Мо табиатро муҳофизат мекунем. Иқлими табиати мо мӯътадил аст.



**2.** Калимаҳое созед,ки ҳарфи и дошта бошад:

Исм, имзо, инсон, из...

Ин калимаҳоро истифода бурда ҷумла созед.

**3.** Аз рӯи нақша калимаҳо созед,ки ҳарфи и дошта бошад.



4. Аз рӯи расм ҳикоя кунед.



**5.** Калимаҳоро истифода бурда, ҷумлаҳо созед:

Китоб, Шодия, бино, Дилиро.



**6.** Шеърро бурро хонед.

Ин духтаракро бингаред,
Дар тан либоси сап сафед.

**7.** Бо ёрии интернет ва энсиклопедия дар бораи табиати “Буравой ” нақл кунед.



энциклопедия
энсиклопедия
энциклопедия
enencyclopaedia

**8.** Ба нақшаҳо калимаҳоро ҷо ба ҷо гузоред.

Ситора, китоб, истиқлол, кит.

# Дарси 77 Овози К ҳарфи К к



Фикр кунед.

**1.** Ашёҳоро номбар кунед.



Кк

коса

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | |

ко-ок
ка-ак
ки-ик
ку-ук

**2.** Аз рӯи нақша ҷумла тартиб диҳед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

К –Қоғазу китоб аст.
К аз донадаш, савоб аст.

**2.** Ҳарфи аввал ва овози аввали калимаро номбар кунед,ка-бу-тар. ко-са. нақ-ша-ро тартиб диҳед.

**3.** Хонед.

Ка-мол,а-на ко-са.
Ко-са ка-лон
Ин ко-саи На -зи-ра.
Косаи На-зи-ра низ ка-лон.

**Ағаш**
**Дарахт**
**Дерево**
**Tre**

**4.** Аз рӯи расм ҳикоя кунед.



Барои чӣ одамонро таъриф мекунанд?
Шуморо чӣ хел таъриф кардан мумкин аст?

**6.** Шеърро гӯш кунед. Калимаҳое, ки бо ҳарфи **к** омадаанд, номбар кунед.

Кабӯтарак, кабӯтарак
Кабӯтараки, хатбарак.
Аз дашту дарё гузар.
Хабар ба акоям бар.
Ба акои аскарам.
Ба акои Акбарам.
Бигӯ,ба роҳ барояд,
Зуд ба хона ояд.

*У. Раҷаб*



Ҳарфи навро ба нақша ҷойгир намо.

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | О | У | Ӯ | И | | | | | | | | З | | Л | М | Н | Р | | | | | | |
| | | | | | | | | К | | | С | Ш | Х | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

# Дарси 79 Табиати Қазоқистонро меомӯзем.

кр кунед ва гӯед, ки ин қаҳрамон чӣ ном дорад?
Ин ном бо кадом овоз оғоз меёбад?



**2.** Аз рӯи расм номи онҳоро номбар кунед:







**3.** Бо ёрии калонсолон аз энсиклопедия донед, ки дар чулу биёбон чӣ гуна ҳайвонҳо зиндагӣ мекунанд?



**4.** Фикр кунед,ки оё лолаҳоро дар дашту биёбон дар фасли баҳор кандан мумкин аст?



**5.** Ҷумлаҳоро бо ҳар гуна талаффуз хонед. Дар ҷумла чанд калима ҳаст, шуморед?

Кабутари сулҳпарвар,
Мепарад сӯи Анвар.
Анвар шоду хандон.
Пешвоз гирад ҳар он.



**6.** Аз рӯи нақша калима фикр кунед,калима чанд ҳиҷо дорад. Дар калимаи дуюм чанд ҳиҷо? Дар дуюм ва сеюм?

Дар бораи овози к чиро медонед, нақл кунед.

| к | | | |
|---|---|---|---|

| к | | | |
|---|---|---|---|

| к | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|



**7.** Ҷумла аз чанд калима иборат аст:

Кабк паррандаи хушхон аст.



**8.** Шеърро бурро хонед.

### Кабк ва барф.

Кабк аз сари шах омад.
Рӯ рӯяки ях омад.
Шабона хона омад.
То остона омад.

*У. Раҷаб.*

табиғат
табиат
природа
Nature

# Дарси 80 Овози В. Ҳарфи В в.




Фикр кунед.



**1.** Барои чӣ шумо ба саёҳат меравед?

Номи ашёро номбар кунед.





Калимаҳо бо кадом овоз сар мешаванд.

Ман акнун калон шудам
Велосипедрон шудам.



**2.** Хонед.

Нав-рӯз ва Ко-ва
Но-ми ман Нав-рӯз.
Но-ми ман Ко-ва.
Нав-рӯз ва Ко-ва ош-но.



**3.** Расмҳоро тамошо кунед.



Калимаҳоро пурра кунед.
Бо ёрии калимаҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

  

**4.** Аз рӯи расм ҳикоя нақл кунед.



**5.** Хонед.

Ан-вар ин Ко-мил.
Ко-мил ана Ан-вар.
Анвар ва Ко-мил ошно.
Ко-ва ва Рав-шан ош-но.
Ҳарфи навро ба нақша ҷо кунед.

| | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | О | У | Ӯ | И | | | в | | | з | л | м | н | р |
| | | | | | | | | к | | с | ш | х | | |

## Дарси 81

# Мо дар саёҳат чиро назорат мекунем?

**1.** Порчаи шеърро хонед.



Чиро тасаввур мекунед.
Кайфияти худро тасвир кунед.
Баҳор омад
Баҳор омад ба некрӯзӣ.
Бичин гулҳои наврӯзӣ,
Бипӯш тоқии гулдӯзӣ.
Баҳори лолазор омад.

**2.** Нақл кунед, ки дар фасли баҳор табиат чӣ хел дигаргун мешавад?

Дарахтҳо чӣ хел месабзанд?

Дар фасли баҳор чӣ гуна гулҳо мешукуфанд? Ба шумо фасли баҳор маъқул аст, барои чӣ?





**3.** Дар фасли баҳор кадом паррандаҳо ба мулки мо парида меоянд?



**4.** Ба калимаҳо нақша созед.

Моҳира  кабутар  дафтар  китоб

**5.** Шеърро бурро хонед:

## Кунҷковӣ

Одамон ояд аз роҳ,
Роҳ аз кучо меояд?
Равшанӣ ояд аз моҳ,
Моҳ аз кучо меояд.

Ин шеър аз чанд калима иборат аст?
Калимаи “Равшанӣ”-ро ба ҳиҷо ҷудо кунед.
Рав-ша-нӣ



**6.** Бурро-бурро хонед:

Ва-во-ви – вақти воҳӯрӣ
Ви-во-ва – Ватани мо васеъ.



**7.** Нависед.

Асло ба кас ман
Зиён наорам
Ё нияти бад
Ба он надорам.

# Дарси 82 Ҳамсадоҳои ҷуфт Зз-Сс

Фикр кунед.

**1.** Ҳиҷоҳоро хонед ва фарқиати онҳоро муайян кунед.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| З | зо | за | зу | зӯ | зи |
| с | со | са | су | сӯ | си |

**2.** Чӣ фарқ дорад? Ба ҳиҷо тақсим карда ба нақша гиред.

Занг-санг, буз сӯзан.

**3.** Хонед фарқияти ҳамсадоҳоро гӯед.

Са-би-ра   Зам-бур зо-ча
За-ри-на   сулҳ   со-ро

**4.** Аз рӯи расм ҳикоя кунед.



Афсона “Бузаки ҷингилапо “ба шумо маъқул аст.

**Буз**
**Коза**
**Goot**
**Ешкі**

**5.** Чистонро ёбед.

Дасту по надорад,
Ҳамаро меҷунбонад.
*(шамол)*

Аз сатри якуми чистон аввал ҳарфҳои саданок –ро баъд ҳарфҳои ҳамсадоро ҷудо карда нависед.

*Намуна:*

А, у...
Д, с...

**6.** Афсонаи «Бузаки ҷингилапо» ҳикоя-ро кунед.

Афсонаро бо ёрии ҳамсинфонатон ба саҳна гузоред.








**7.** Оё ба шумо ин саҳна гузошта маъқул шуд ё не. Ҳикоя кунед.

# Дарси 83 Овози (Д). Ҳарфи Д д



Фикр кунед.

1. Номи ин ашёҳоро номбар кунед.


Дутор


доира


дос

Калимаҳоро ба ҳиҷо тақсим кунед.



2. Тезгӯякро аз ёд кунед.

Мактаб аз мо розӣ шуд.
Вақти гашту бозӣ шуд.



Д

Монанди донишҷу,
Дам шинад бо ду зону.

Доим дарсашро хонад.
Қадри донишро донад.



3. Хонед ва калимаҳоро ба ҳиҷо тақсим кунед.

## Дору

Дилором ин дору.
Ди-ло-ром ин до-ру.
До-ро омад.
До-да-раш низ омад.

Д



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

До-од

Да-ад

Ду-уд

Дӯ-ӯд

Ди-ид

**3.** Калимаи “Муборак”аз кадом ҳарф сохта шудааст?

Аз ҳарфҳои а, д, н, о, у, р, ӯ, ҳафт калима созед.

**4.** Бозӣ. Аз ин ҷонворак кадомашон парвоз мекунанд?



Бо дӯстатон доир ба ҷои истиқомати ин ҳайвонҳо сӯҳбат кунед.

**5.** Ҳарфи Д-ро ёбед ва ҳисоб кунед, ки вай чанто ҳаст?

О, Д, А, К, Н, М, Д, Р, Ш, Х, Д, Х, У, Д, Ӯ, Д, С, З

**6.** Зарбулмасалро хонед.

Аз бекор ҳама безор.

Ҳарфи навро ба нақша ҷойгир кунед.

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | О | У | Ӯ | И | | | В | | | | | З | | Л | М | Н | Р | | | | |
| | | | | | | | | К | | | С | Ш | Х | | | | | | | | |

# Дарси 84 Сохтани постерро ёд мегирам

Постер чист? Номи постерҳоро фаҳмонда диҳед.











Ин аҷоиб!

Постер ин хабар номаҳо ва навигариҳо барои ороиши плакатҳо.



**1.** Дар бораи табиат постер созед.

Ба вай ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**2.** Аз падару модаратон пурсед, ки вайҳо кадом ҷойҳои хӯшрӯи Ватанамонро тамошо кардааст. Дар бораи вай чиҳоро нақл мекунанд. Шумо дар синф нақл карда диҳед.

**3.** Хонед. Ба матн саволҳо тартиб диҳед. Аз рӯи расм постер тартиб диҳед.

## Зебо ва Зе-би-ни-со

Зебо ва Зебинисо дугона мебошад. Зебо мактаб меравад. Зебинисо дар хона.



**4.** Гуш кунед. Ҳикоя дар бораи чӣ. Нақл кунед.

Ватани мо сарзамини даштҳои беканор аст.

Дар даштҳо ва кӯҳсорон, буттаҳо, алафҳо ва дигар растаниҳо месабзанд. Қисми зиёди ин растаниҳо гиёҳҳо мебошанд. Аз гиёҳҳо дорӯ тайёр мекунанд.



# Дарси 85 Овози (П). Ҳарфи П п

Фикр кунед.





**1.** Расмҳоро тамошо кунед, номи ашёҳоро гӯед, ки бо кадом овоз сар мешавад









Пахта роҳати ҷон аст.
Сарвати тоҷикон аст.



**2.** Аз рӯи расм ҳикоя кунед.



П п



По-он

Па-ап

Пи-ип

Пу-уп

Пӯ-ӯп



**3.** Шеърро хонед.

## Паррандаҳо биёед.



Паррандаҳо, биёед,
Пеши тирезаи мо!
Мунтазири шумоянд.
Нонҳои резаи мо.

Кадом паррандаҳоро медонед номбар кунед.



**4.** Шеърро хонед.

## Парасту



Парасту,эй парасту,
Эй паррандаи хушрӯ,
Мо меравем аз ин ҷо,
Мешавем аз ту ҷудо,
Аммо ту фаҳмида мон.
Бачаҳот,ки шуд калон,
Ҳамроҳи онҳо даррав
Хонаи нави мо рав.
Баҳри дӯстон доимо,
Кушода дарҳои мо.

*М. Неъматзода*

Ҳарфи навро ба нақша ҷойгир кунед.

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | О | У | Ӯ | И | | В | | | З | | Л | М | Н | Р | | | | |
| | | | | | | П | К | | | С | Ш | Х | | | | | | |

# Дарси 86 Овози (Т). Ҳарфи Т т



Фикр кунед.



**1.** Ашёҳоро аз рӯи расм номбар кунед.







Калимаҳоро аз рӯи нақша ба ҳиҷо ҷудо кунед.



Т ҳасту т ҳар ҷо,
Тантанаву тамошо.



**2.** Аз рӯи расм ҳикоя кунед.



**Т т**



То-от

Та-ат

Ту-ут

Тӯ-ӯт

Ти-ит

**3.** Хонед.

## Токзор



Ин ток-зо-ри мо,
Ка-ро-мат дар ток-зор
Ӯ дух-та-ри о-зо-да.
Па-да-ри Ка-ро-мат му-ал-лим аст.

**4.** Гӯш куед. Шеърро хонед.

## Турна



Турна қатор меояд,
Арғамчинвор меояд.
Вақти баҳор меояд.
Мавсими кор меояд.

Дар бораи турна шумо чиро медонед?

**5.** Ҳикояро хонед.

## Бачаҳо

Бачаҳо бозӣ мекарданд.
Далер ва Дилдора бо тӯб бозӣ мекунанд.
Достон ва дамир хоначабозӣ мекарданд. Дилором бошад ба ҷорӯбаш хона меруфт.
Ҳарфи навро ба нақша ҷойгир кунед.

| | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | О | У | Ӯ | И | | В | | | З | | Л | М | Н | Р |
| | | | | | | П | Т | К | С | Ш | Х | | | |

# Дарси 87 Шеърҳои нав дар бораи обу ҳаво



**1.** Шеърро гӯш кунед.

Таронаҳо мехонам,
Мадҳу сано мехонам,
Ки мехӯрад тобистон,
Ғами рӯзӣ зимистон.



**2.** Калимаҳои таронаҳо ва тобистонро ба ҳиҷо ҷудо кунед.



**3.** Тезгӯякҳоро бурро-бурро хонед.

Себи Самад – се сабад
* * *
Чармағзи луч, чормағзи пуч.
* * *
Шаш шаршара дар дара.
* * *
Дар дара шаш шаршара
* * *
Шохи сада серсоя

**ай**
**моҳ**
**месяц**
**month**



**4.** Ҳикояро хонед ва нақл кунед.

## Танбал

Марде дар сояи дарахт мехобид. Як мор хазида ба пои он мард наздик шуд. Роҳгузаре морро дида саросема он мардро садо кард:

Бародар наздики поят мор аст, хез шояд газад!

Марди танбал аз ҷояш наҷунбида гуфт:

– Он мор наздики кадом поям аст пои чап ё рост?



Калимаи танбалро ба ҳиҷо ҷудо кунед.

**5.** Аз матн калимаҳое, ки ҳарфи Т дорад,ёбед.

**6.** Фикрҳои худро доир ба фаслҳои сол нақл кунед.




Аз рӯи расм ҳикоя созед.

# Дарси 88 Ҳамсадоҳои ҷуфт . Д – Т



Фикр кунед.



**1.** Ҳиҷоҳоро хонед ва муқоиса кунед.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Д | да | до | ду | ди | дӯ |
| Т | та | то | ту | ти | тӯ |



**2.** Калимаҳоро хонед. Чӣ гуна фарқ ва монандӣ дорад.

Дор-тор
дар-тар
дур-тур
Аз калимаҳо ҷумлаҳо созед.



**3.** Хонед.

Офтоб набошад
Олам шавад тор,
Одоб набошад,
Одам шавад хор.

**Туман**
**Туман**
**Туман**
**Tag**



**4.** Ҳикояро хонед, ба дӯстатон савол диҳед.

## Кишту кор

Кишту кор дорем. Дар он ҷо помидор, бодиринг, картошка, пиёз укроп месабзанд.

Дар кадом ҳолатҳои обу ҳаво сабзавоту меваҷот нағз месабзанд.

**5.** Ба калимаҳо маънои муқобилро гузоред.



офтоб



Борон

боронгарӣ –
гармӣ –
намӣ –

**6.** Аз рӯи расм ҳикоя кунед.



Шумо кадом ҳолатҳои обу ҳаворо дӯст медоред? Ҳикоя кунед.

# Дарси 89 Овози (Г). Ҳарфи Г г



Фикр кунед.



Ауа райы
Обу ҳаво
Погода
Weafher



**1.** Номи ашёро номбар кунед.





Нақшаи калимаҳоро тартиб диҳед



Гар ҳарфи Г намебуд.
Гап зада ҳам намешуд.



**2.** Хонед.

## Гул-рӯ ва Гул-но-ра

Гул-рӯ ка-ло-на-как
Гул-но-ра хур-да-как
Гул-рӯ дух-та-ра-ки гап-гир аст.
Ӯ дар гулдон гул гузошт.



**Г г**



Го-ог
га -аг
гу-уг
гӯ-ӯг
ги-иг



**3.** Шеърро хонед

## Гунҷишкак

Гунҷишкаки майдаяк,
Майдаяки хушрӯяк,
Дар панҷааш шохчаҳо
Дар болои буттаҳо
Нишаста бозӣ мекард,
Хуб нағмасозӣ мекард.

*М. Миршакар.*

Шумо гунҷишкакро дӯст медоред? Оё барои вай хоначаҳо сохтаед? Нақл кунед.



**4.** Номи паррандаҳоро ёбед ва ба ҳиҷо ҷудо кунед.











**5.** Барои чӣ баъзе ҳайвонҳо дар фасли зимистон хоб мераванд, бо ҳамроҳии падару модар сӯҳбат кунед.



**6.** Такрор кунед ва бурро хонед.

га-га-га-ӯрдак мегӯяд га-га
Гӣ –гӣ-гӣ ин ҳайвони хонагӣ.
Ҳарфи навро ба нақша гузоред.

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | О | У | Ӯ | И | | | В | Г | | | | З | | Л | М | Н | Р | | | | |
| | | | | | | | П | Т | К | | | С | Ш | Х | | | | | | | |

# Дарси 90 Ҳикоя дар бораи обу ҳаво



**1.** Гӯед, ки имрӯз обу ҳаво чӣ гуна. Калимаҳое фикр кунед, ки ба якдигар муқобилмаъно бошанд.

Гарм-хунук
Сербориш –
Абрнок –



**2.** Шеърро бурро хонед.

## Борон

Борони реза борад,
Ба мо хурсандӣ орад.
Борони ҳамал резад.
Дар пуптаки тал резад.
Киштаҳо амал дорад.

*М. Неъматзода.*

Калимаҳои борон, борад-ро ба ҳиҷо ҷудо кунед.



**3.** Ҳикояро хонед.

## Писарак ва моҳича

Писарбачае моҳича дошт.

– Доштам, доштам гӯён хурсандӣ кард ӯ. Моҳича бошад, тарсону ларзон аз писар зорӣ кард:

– Моро сар деҳ, ман модарамро мекобам!

– Модаратро. Магар ту ҳам модар дорӣ?

Ҳайрон шуд бача. Баъд аз лаҳзае гуфт:

– Бирав назди модарат. Агар ман ҳам дер ба хона равам, модарам хавотир мешаванд-гуфт ва моҳичаро ба дарё сар дод.

**4.** Аз рӯи ҳикоя саҳнача тартиб диҳед.

**5.** Шеърро бурро хонед

Гурбачаи гавҳарҷон,
Ҷудо ҳам зуру чаққон.
Аз ҳайбати гурбача,
Ҳатто наметарсад он.

Калимаҳои “гурбача” ва “гавҳарҷон”-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

**6.** Дар расм қаҳрамонҳои кадом афсона тасвир ёфтааст?



**7.** Аз рӯи расм ҳикояҳо созед.



**Тулкі**
**Рӯбоҳ**
**Лиса**
**Fox**

**Қоян**
**Харгӯш**
**Заяц**
**hame**

# Дарси 91 Ҳамсадоҳои ҷуфт Б-П

Фикр кунед. 

**1.** Ҳиҷоҳоро хонед ва фарқияти онҳоро муайян кунед.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Б | бо | ба | бу | бӯ | би |
| П | по | па | пу | пӯ | пи |

**2.** Аз рӯи расм ҳикоя кунед.



3. Вақте, ки зимистон гӯем, шумо чиро тасаввур мекунед?

Расмро тамошо кунед, дар бораи зимистон нақл кунед.





**4.** Хонед.

## Зимистон



Фасли зимистон омад,
Фасли дурахшон омад.
Бароетон бачаҳо,
Тафсонҳо бозӣ, хандаҳо.
Чи хуш боридааст барф.
Нуқра борид ҳар тараф.
Мо дар ҳарсӯ метозем.
Аз барф одам месозем.

*А. Деҳотӣ*

Дар қатори якум чанд калима ҳаст?



**дән**
**дон**
**зерно**
**corn**

**5.** Такрор ва бурро хонед.

Борон, ба деҳи гулзор,
Бору бору бору бор.

Калимаи “борон”-ро ба ҳиҷо тақсим кунед.

**6.** Оё шумо боронро дӯст медоред, ҳикоя намоед?

# Дарси 92 Овози (Б). Ҳарфи Б б





Фикр кунед.

**1.** Номи ашёҳоро номбар кунед.




барра бел Барг



Б – бошад ранги хона
Бедару бе остона.



**2.** Шеърро хонед.

**Б б**



## Бар-ра-ча

Бар-ра-ча, о бар-ра-ча,
Кал-ла-ча-ат ка-ду-ча!
Ду чаш-ма-кат о-лу-ча.
Ин ла-ба-кат гул-ба-рин.
Он ла-ба-кат гул барин.
О-во-за-ки фо-ра-мат.
Хо-ни-ши бул-бул барин.



бо-об

ба-аб

бу-уб

бӯ-бӯ

би-иб

**3.** Ҷумлаҳоро пурра кунед ва қофияи мувофиқ ёбед.

Ба бӯи форами...
Омада нишастааст...

**4.** Калимаҳое, ки аз се ҳиҷо иборат аст ёбед ва ба ҳиҷо тақсим кунед.

Бобо   хунук   зироат  додо

**5.** Хонед.

Бобои ман боғбон аст. Боғи мо калон аст. Шодмон ба бобо кӯмак расонд. Шумо ҳам кӯмак расонед.



**Жаз**
**Тобистон**
**Лето**
**Summer**

**6.** Чистонро ёбед.

Дасту по надорад,
Ҳама ҷоро мекунбонад. (*Шамол*)

**7.** Овози Б ҳамсадои ҷарангдор мебошад.

Ҳарфи навро ба нақша ҷойгир кунед.

| А | О | У | Ӯ | И | | Б | В | Г | | | | З | | Л | М | Н | Р | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | П | Т | К | | | С | Ш | Х | | | | | | | | | | |

# Дарси 93 Қофиябандиро давом диҳед



**1.** Аз рӯи расм фаслҳои солро муайян кунед.






Фасли дӯстдоштаатон кадом аст?

Тирамоҳи бо шукӯҳ,
Пахтаҳояд кӯҳ-кӯҳ.
Меваҳояд боғ-боғ.
Бӯи хушад бар димоғ.





**2.** Ба калимаҳо қофия бандед.

Хо-на    сар-кор–
Ло-на    сер-кор

**3.** Шеърро хонед.

Омад фасли зимистон,
Барф борид Неъматҷон.
Биё бо ҳам мебозем.
Дар рӯи ях метозем.

**4.** Аз рӯи расм ҳикоя кунед.





Шумо кабутарро дӯст медоред, ё не?
Кабутар чӣ кор карда истодааст.

**5.** Матнро хонед.

## Фаслҳои сол

Як сол аз чор фасл иборат. Як фасл аз се моҳ иборат. Фасли зимистон яке аз фаслҳои дӯст доштаи мо мебошад дар ин фасл бозиҳои ҳар хела бисёр аст.

**6.** Калима созед.

Қофия бандед ва нақша созед. Кадоми онҳо нодуруст намоед.

Шо → На
Хо → На

Ло → На
Мо → На

# Дарси 94 Ҳамсадоҳои ҷуфт М-Н





Фикр кунед.



**1.** Калимаҳоро хонед.

Модар, модар, Ватан, кишвар, дӯст.

Калимаҳои “модар “ ва “падар”-ро ба ҳиҷоҳо тақсим намоед.



**2.** Хонед.

## Бузак



Рӯзе бузак ришашро
Дар оби ҷӯй дид.
–Тоза аҷоиб будаст!
Бигуфто хандид.

*Н. Назирӣ*

Калимаи “ бузак”-ро ба ҳиҷо тақсим кунед.



**3.** Гӯш кунед ва ҳикоя кунед.

## Юлбарс –ҳайвони вахшӣ мебошад.

Вай дар кӯҳҳои Қазоқистон зиндагонӣ мекунад. Вай пашми қимматбаҳо ва зебо дорад. Юлбарсро ба китоби сурх дохил кардаанд. Вай бузҳои кӯҳӣ ва гӯсфандонро шикор мекунад. Вай бо одамон бисёр кам во мехӯрад.



**4.** Ҳайвонҳоро, ки дар кӯҳ зиндагӣ мекунанд, ҷудо кунед.



хирс



гурба



қурбоқа



бузи кӯҳӣ



замбӯр



саг

Доир ба инҳо хабарҳо ёбед.

**5.** Хонед.

## Баҳори кӯҳистон

Омад фасли баҳорон,
Пурлола шуд кӯҳсорон.
Мо бо шоди давидем.
Як доман лола чидем.



**6.** Шумо ҳам ба тамошои кӯҳу саҳро рафтаед,

Нақл кунед.



**Тау**
**кӯҳ**
**Гора**
**Mountain**

# Дарси 95 Ба ҳиҷо тақсим намудани калима

Дониш аз хониш



**1.** Бурро –бурро хонед ва такрор кунед:

### Муш ва мусича

Муш бар мусича
Гуфто ҷӯраҷон,
Ба ту одамон.
Асло ба кас ман
Зиён надорам,
Ё нияти бад
Ба он надорам...

*Нақшаи Назирӣ*

**қар**
**қиыршығы**
**зарраҳои**
**барф**
**снежинка**
**showflake**

Калимаи “зиён”ро боз чӣ мегӯем?
*(зарар)*

Калимаи зиён,ният-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.



**2.** Шеърро хонед ва ҷумлаи охиринро ба ҳиҷоҳо тақсим кунед:

– Зимистони ҷонона.
Чӣ овардӣ туёна
– Курпаи нав овардам.
Ҷомаву шарф овардам,
Мӯзаи гарм овардам.
Гилеми нарм овардам.
Болои барфи ёна
Бозӣ бикун шодона.

*Зулфия Атоӣ*



**3.** Шеърро бурро хонед:



**Бӣ – бӣ – бӣ** –Бозӣ дорад Зебӣ.
**Бӣ – бӣ – бӣ** –Дар хонаи бибӣ
Он-он-он-Бибиашон хандон,
Он-он-он-Пешвоз мегирад ҳар-он.
Ба ҳиҷо тақсим кунед.

**4.** Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо тақсим кунед.

Аз бекор –Ҳама безор.

**5.** Аз рӯи расм ҳикоя кунед.

Манзараи зимистон.
Дар фасли зимистон бачаҳо чӣ хел бозӣ мекунанд?



**6.** Шеърро хонед.

Мактаб аз мо розӣ шуд,
Вақти гашти бозӣ шуд.

## Дарси 96 Ба саёҳат мебароем?

**1.** Бачаҳо ба саёҳат барои чӣ мебароянд?





1. Дар саёҳат бачаҳо чӣ кор карда истодаанд?
2. Дар расм кадом фасл нишон дода шудааст?
3. Шумо ҳам саёҳатро дӯст медоред ё не?

**2.** Шеърро хонед;

Дар вақти таҳсил,
Ту аз тахти дил
Хону хону хон!
Дону дону дон!

Гуфту муаллим
Санҷу санҷу санҷ!
Гир баҳо доим.
Панҷу панҷу панҷ.

**3.** Дар бораи таътили тобистонаи худ нақл кунед.





# Саё










ҳат

## Дарси 97 Овози (Е). Ҳарфи Е е

Фикр кунед

**1.** Хонед:

### Зе-бо ва Зе-би-ни-со

Зе-бо ва Зе-би-ни-со ду-го-на ме-бо-шанд. Зе-бо мак-таб ме-ра-вад.

Зе-би-ни-со дар хо-на.

Е-се мехи пайваста,
Е-хаскаши бедаста.

**Е**

пе-ве

ре-не

бе-ме

ле-ге

те-зе

ме-ше

**2.** Номи ҳайвонҳоро номбар кунед.








Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

**3.** Хонед: Ба ҳиҷо ҷудо кунед ва гӯед, ки дар калимаҳо чанд овози садонок ҳаст:

Гург, муш, барг, кӯҳ, анор, ҳосил, қалам, муаллим, Астана.

**4.** Хонед:



Бо ёрии рафиқон
будаст ҳар кор осон.
Калимаи рафиқонро ба ҳиҷо ҷудо кунед:
ра – фи – қон.
Шумо рафиқ доред?

**5.** Шеърро ба ҳиҷо ҷудо кунед.

Баҳри дӯстон доимо
Кушода дарҳои мо.

**6.** Аз рӯи расм ҷумла тартиб диҳед.



Ҳарфи навро ба нақша гузоред.

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | О | У | Ӯ | И | Е | Б | В | Г | | | | З | | Л | М | Н | Р | | | | |
| | | | | | | П | Т | К | | | С | Ш | Х | | | | | | | | |

Дарси 99

# Киҳо дар роҳ гузари бешазор саёҳат мекунанд?

**1.** Ба расмҳо нигоҳ кунед. Хонед дар саёҳати бешазор боз чӣ хел дарахтҳоро дидан мумкин аст?



**2.** Номҳои дарахтҳои бешазорро номбар кунед.

**3.** Ёфтани калимаҳои муқобилмаъно.

Пир – ҷавон, Паст – фарбеҳ –

**4.** Калимаҳоро ба ҳиҷо ҷудо кунед.

Ёфтан Ёдгор Ёрдам

Ёдгор ба падараш ёрӣ расонд.

**5.** Давоми ҳикояро тартиб диҳед.

Дар соҳили дарё будем...

# Дарси 100 Чӣ хел қоидаи ҷангалзор рафтанро медонед?

**1.** Хонед. Аз ин калимаҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед ва ҳикоя созед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ҷангал | барф | зимисто | баҳор |
| ҷангалиҳо | барфин | зимистона | баҳорона |

**2.** Ҳикояро хонед.

## Ҷӯраи бад

Рӯзе ду ҷӯра аз беша мегузаштанд. Ногоҳ ба онҳо як хирси калон во хӯрд.

Яке аз ҷӯраҳо зуд ба болои дарахте баромад. Дигаре нагурехта истод. Хирс рост ба тарафи ӯ меомад. Илоҷи дигар набуд: вай худашро бардурӯғ ба ҳолати мурда андохта дароз кашида хобид.

Хирс омада ӯро бӯй кард. Вай нафас намекашид.

Хирс боз якчанд бор ӯро бӯй кашиду баъд ба даруни дарахтзор пинҳон шуда рафт.

Вақте ки хирс дур шуд, ҷӯраи якум аз дарахт фуромад ва хандида пурсид:

– Хирс ба гӯши ту чиҳо гуфт?

Бачаи дуюм ҷавоб дод:

– Хирс ба гӯши ман гуфт, ки дӯсти бад ҳамон кас аст, ки дар вақти фалокат ба ҷӯраи худ ёрӣ надода мегурезад.



**3.** Ҷумлаи аввалро ба ҳиҷо тақсим кунед.

# Дарси 101 Овози (Ф) Ҳарфи Ф ф



Фикр кунед.



**1.** Ҷумларо ба ҳиҷо тақсим карда хонед.

Офтоб баромад.
Садаф хурсанд шуд.
Ӯ пешвози офтоб давид.
Бигузор, офтоб бошад,
Офтобаки хандон рӯ.



Ду дасташ дар миён.
Фақат фармояд фармон.

**2.** Чистонро ёбед.

Механдад лабонаш ку?
Мигиряд чашмонаш ку?
*(осмон)*

**3.** Ба калима нақша созед.

Офтоб хурсанд форам
Хандон садаф борон
механдад мегиряд абр.

**4.** Аз калимаҳо ҷумла созед.

ф



фо-оф

фа -аф

фи-иф

фе-еф

**5.** Аз рӯи расм ҳикоя тартиб диҳед.



**6.** Шеърро хонед.

Гуф-ту-гӯ бо гур-ба
– Са-лом, гур-ба-и фах-хан!
– Хур-хур-р-р...
– Гап –зан, до-им ту ха-пак?
– Хур-хур-р-р...
Ба ту на-ме-фо-рад гап.?
– Хур-хур-р-р...




**7.** Ҳарфи навро ба нақша ҷо ба ҷо кунед.

<table>
<tr><td rowspan="2">А</td><td rowspan="2">О</td><td rowspan="2">У</td><td rowspan="2">Ӯ</td><td rowspan="2">И</td><td rowspan="2">Е</td><td>Б</td><td>В</td><td>Г</td><td></td><td></td><td></td><td>З</td><td></td><td>Л</td><td>М</td><td>Н</td><td>Р</td><td></td><td rowspan="2"></td><td rowspan="2"></td><td rowspan="2"></td><td rowspan="2"></td><td></td></tr>
<tr><td>П</td><td>Т</td><td>К</td><td></td><td colspan="2"></td><td>С</td><td colspan="2">Ш</td><td>Х</td><td colspan="2"></td><td>Ф</td><td></td></tr>
</table>

# Дарси 102 Ба саёҳат бо худ чӣ мегирӣ?



1. Афсонаро хонед.

## Хурӯси зирак



Шағоли гуруснае аз роҳ мегузашт. Дид, ки як хурӯси фарбеҳ блои дарахт нишастааст.

Ба хурӯс нигоҳ карда гуфт:

– Хурӯси зебо, аз гапи нав хабар дорӣ? Дар миёни парранда ва даррандаҳо сулҳу оштӣ эълон шуд. Биё аз дарахт фуро, мо ҳам дӯст шавем ва мисли бародар гардем.

Хурӯс гарданашро дароз карда, ба тарафе нигоҳ кардан гирифт.

– Чӣ гап? Чаро ба он тараф нигоҳ карда истодаӣ? – пурсид шағол. Хурӯс гуфт:

– Як тӯда сагҳо ба тарафи мо меоянд.

Шағол аз шунидани ин суханҳо роҳи гурезро пеш гирифт.



**2.** Тезгӯякҳоро ифоданок аввал оҳиста, пас тезтар хонед. Тарзи дуруст навиштани номҳоро дар хотир доред. Якчанд номҳоро бо ҳарфи Ё намуна биёред.

Сайёд сайди саъва сохт.
Бунёд бисёр бино бунёд намуд.

**3.** Хонед. Даҳонакӣ калимаҳоро ба ҳиҷо ҷудо кунед. Нақшаи калимаҳоро аз устуни якум тартиб диҳед.

| | |
|---|---|
| сайёд | Бунёд |
| наёбад | Ёдгор |
| осиёб | биёр |
| Зиёда | Ёвон |
| ёрмандӣ | ёрӣ |

**4.** Чистонро хонед.

Хона пури марворид,
Марворида кӣ корид? (Дандон)

**5.** Матнро хонед.

## Барои саломатӣ боз чиҳо лозиманд?

Аз ҳавои тоза нафас гирифтан, хонаро шамол додан, ҷойхобро тоза нигоҳ доштан лозим аст. Мо варзиш мекунем. Мо варзишро дӯст медорем. Варзиш моро пухта ва саломат мекунад.

6. Барои ба саёҳат бароман чӣ зарур аст, маълумот диҳед.

**7.** Аз рӯи расм ҳикоя кунед.



## Дарси 103 Барои ба саёҳат баромадан чиҳо зарур аст

### Ин фаҳмост!

Саёҳат – ин бо мошин ё пиёда ба тамошои ягон ҷой ё кишвар баромадан мебошад.

**1.** Ба расм нигоҳ кунед. Дар вақти таътил бачаҳо ба куҷо ба саёҳат мераванд.



Шумо ба куҷо ба саёҳат рафтан мехоҳед.

**2.** Аз рӯи расм ҳикоя кунед.



Шумо табиатро дӯст медоред?

**3.** Шеърро хонед.

Нағз аст офтоб,
Ё нағз одоб?
Офтоб диҳад нур!
Одоб, чӣ? ҳузур

Баҳри лолаҳо
Офтоб беҳтар аст,
Баҳри бачаҳо.
Одоб беҳтар аст.

***Пӯлод Мӯъмин.***

**4.** Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо тақсим кунед.

Офтоб бачаҳо садаф хандонрӯ.
Хурсанд одоб бошад пешвоз

**5.** Матнро хонед.

## Қазоқистон

Мо дар Қазоқистон зиндагонӣ мекунед. Қазоқистон Ватани мост. Мо Ватани худро дӯстмедорем.



**6.** Калимаи “Қазоқистон”,”Ватан”,”зиндагӣ,” ” дуст”-ро ба нақша нишон диҳед.



# Дарси 104 Ҳарфи (Ғ). Овози Ғ ғ

Ғ ғ



Фикр кунед.

**1.** Номи ашёҳоро номбар кунед.







ғо-оғ

ға- ағ

ғу-уғ

ғӯ-ӯғ

ғи -иғ

ғе –еғ

**2.** Хонед.

Ғалла онро
Одамон пухт
Дарав нон
Гандум дастархон
Мебошад меғундоранд



**3.** Нақшаи калимаҳои болоро созед.

Бо ин калимаҳо ҷумла тартиб ҳидед.

**5.** Аз рӯи расм ҳикоя кунед.



**6.** Калимаҳоро ба нақша гиред ва ба ҳиҷо тақсим кунед.

Бодом хона писта нағз пурмағз

**7.** Матнро хонед.

## Ғалла

Давраи дарави ғалла расид. Одамон ғалла мегундоранд. Модарам нони гарм пухт. Нон зеби дастархон мебошад. Нонро азиз доред.

Ҳарфи навро ба нақша ҷо ба ҷо гузоред.

<table>
<tr><td rowspan="2">А</td><td rowspan="2">О</td><td rowspan="2">У</td><td rowspan="2">Ӯ</td><td rowspan="2">И</td><td rowspan="2">Е</td><td>Б</td><td>В</td><td>Г</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td>Л</td><td>М</td><td>Н</td><td>Р</td><td></td><td rowspan="2"></td><td rowspan="2"></td><td rowspan="2"></td><td rowspan="2"></td><td></td></tr>
<tr><td>П</td><td>Т</td><td>К</td><td></td><td></td><td>С</td><td>Ш</td><td>Х</td><td></td><td>Ф</td><td></td><td></td></tr>
</table>

# Дарси 105 Кадом намуди саёҳат ба шумо маъқул аст?

Ба расм нигоҳ кунед. Бо кадоми ин ашё ба саёҳат баромадан ба шумо маъқул аст.















Шумо бо кадоми ин намуди ашёҳо ба саёҳат баромадан мехоҳед. Барои чӣ?

**3.** Аз рӯи расм нақл кунед.



**колік**
**нақлиёт**
**транспорт**
**transport**

**4.** Калимаҳоро ба нақша гирифта ба ҳиҷо тақсим кунед.

Офтоб ҷовидон сарсабз дунё
Тобон табиат гулфишон модар

**5.** Аз калимаи боло истифода бурда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**6.** Аз рӯи расм ҳикоя тартиб диҳед.



## Дарси 106

# Кадом намуди ҳайвонҳоро дар вақти саёҳат вохурдан мумкин аст

**1.** Чистонро ёбед.

Зил гилем,
Зил –зил гилем.
Афшонданаш,
Мушкил гилем.
(*Замин*)

Шутури гардандароз.
Меравад дуру дароз.
(*Трактор*)

**2.** Аз рӯи расм номи ашёҳоро ёбед ва ба нақша гиред.










**Жыртқыш**
**Дарранда**
**Хишник**
**Predator**

3. Тезгӯякро аввал оҳиста ва баъд тез-тез хонед.

Шаш шиша сандуқ шикаст.

* * *

Сад ялалӣ як ялало

5. Ҷумлаҳоро ба нақша гиред.

1. Ман модарамро дӯст медорам.
2. Офтоб баромад
3. Бачаҳо бозӣ карданд.

Ҷумлаҳои болоро нависед.

6. Чистонро ёбед.

Тобистон ҷамъ меоранд,
Зимистон ғам надоранд.

*(Мӯрча)*



7. Аз рӯи расм ҳикоя кунед.



# Дарси 107 Овози (Қ). Ҳарфи Қ қ



Фикр кунед.

1. Номи ашёҳоро номбар кунед?







Қурбоққа аз дур
Мекунад қур– қур

2. Шеърро хонед.

## Қо-қу

Қо-қу ба-ро-мад бар дашт.
Ат-роф аз ӯ зебо гашт
То-қи-и ӯ қок шуд,
Хуш-рӯ-ву пах– моқ шуд.

3. Аз рӯи калимаҳо нақша рартиб диҳед.

Кабутар пахмоқ
Қобил қоқ
Сафед тоқӣ
Зебо дашт

Қ қ
қо-оқ
қа-ақ
қӯ- ӯқ
қу-уқ
қи-иқ
қе-еқ

**4**. Фикр кунед,ба бехатарии роҳ чӣ гуна риоя мекунем.



Аз рӯи расм нақл кунед.
Ҳарфи навро ба нақша ҷо ба ҷо гузоред.

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | О | У | Ӯ | И | Е | Б | В | Г | | | | З | | Л | М | Н | Р | | | | | |
| | | | | | | П | Т | К | Қ | | С | Ш | Х | | Ф | | | | | | | |

# Дарси 108 Шумо бо кӣ саёҳат кардан мехоҳед?

**1.** Аз рӯи расм нақл кунед.



**2.** Калимаҳоро ба ҳиҷо тақсим кунед.

Одамон ҳамсинф
Офтоб талабагон
Солим рафиқ

**3.** Шеърро хонед.

Тан солиму рӯҳ солим
Ин панд ҳақ асту рост.
Ҳар кас ки бубанд кор.
Ҳамсинфи дурусти мост!

Калимаи ҳамсинфро ба нақша гиред.

**4.** Маънои муқобили калимаҳоро ёбед.

Баланд –　　　　фарбеҳ –
Сиёҳ –　　　　дароз –

**5.** Бо кӣ ба саёҳат баромадан мехоҳед? Барои чӣ?

**6.** Шеърро бурро -бурро хонед.

Зоғи ало қар-қар.
Чӣ мехӯрӣ ҳавлои тар
Кай мехӯрӣ вақти саҳар.

**ақылды**
**боақл**
**умный**
**clever**

7. Матнро хонед.

## Абай

(*1845-1905*)



Абай шоири машҳури халқи қазоқ мебошад. Вай соли 1845 дар ноҳияи ҳозираи Абайи вилояти Семей таваллуд шудааст.

Абай дар бораи меҳнатдӯстӣ ва илмдӯстӣ бисёр шеърҳо навиштааст.

Вай бачаҳоро барои омӯхтани илм ва ҳунар даъват мекунад.

Ҳар кас, ки бисёр хонад,
Ба мушкил дарнамонад.
Илм чун ҳосил кунад,
Кори табъи дил кунад.

*Абай*

# Дарси 109 Чӣ хел саёҳат кардан мумкин нест?



**1.** Ҳикояро хонед ва бо ҳамсинфонатон муҳокима кунед.

## Шоқани хурдсол

Як рӯз Сотников ном одам ба деҳа омад. Сари роҳ ӯ бо Шоқани хурдсол вохурд. Ҳар ду ҳамроҳ дар деҳа ва атрофи он гашта, ҳар гуна нақша кашиданд. Шоқан аз лой як ҳайкалча сохта буд. Сотников пурсид:

– Шоқан ин ҳайкалро кӣ сохт?

– Рафиқам Мисиқ, – сир бой надода ҷавоб дод.

– Ҳоло ӯ дар куҷост? Пурсид Сотников.

– Дар деҳа.

– Мисиқ дар мактаб мехонад?

– Не, ӯ намехонад. Дар ин ҷо мактаб нест.

– Ҳунарманд будааст. Ба ӯ дониш лозим. Шояд шаҳр рафта хонад. Мисли Мисиқ ҳунарманд мешавӣ, ҳунаратро ба дигарон ёд медиҳӣ? Шоқан ҷониби кӯҳ нигаҳ карда дар фикр ғӯта зад.

*С. Бегалин*



**2.** Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Ба саёҳат бо ҳамроҳии кӣ меравед?
2. Ба куҷо саёҳат кардан мумкин нест.?
3. Оё шумо ба намоишномаҳо саёҳат кардаед?
4. Бо дӯсти худ саёҳат кардан мехоҳӣ?



**3.** Тезгӯякро аввал оҳиста ва тез хонед:

Шаршара дар дара.
Дар дара, шаршара.

Соро себ мехӯрад,
Себро тез мехӯрад.

**4.** Нависед.

Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигарад рӯзат аз рӯз.
*Низомӣ.*

**5.** Хонед бо калима ҷумла созед.

Қанд, қоқу, қомат, қад, истиқлол, қобил, қадр.
Калимаи “истиқлол-”ро ба ҳиҷо ҷудо кунед.

**6.** Шеърро бурро хонед.

Қалам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам.
Қаламкашро ба мақсад мерасонам.
Калимаи “қаламкаш”-ро маънидод кунед.
Калимаи қаламкашро ба ҳиҷо тақсим намоед.

**7.** Аз рӯи расм ҳикоя кунед.



## Дарси 110

# Шумо дар хона танҳо. Чӣ бояд кард?

### Саёҳат ба олами афсона

**1.** Бузаки ҷингилапо

Буд набуд дар як макone бузаки ҷингилапое буд, Бузак ҳафт бача дошт: Алӯлак, Булулак, Хиштаки Сари Танурак, Тоқчапарак, Мехчапарак, Болошинак, Таҳшинак.

Бузак ҳар пагоҳ ба дошту саҳро мерафт ва ба шохакаш алаф гирифта ба даҳонаш об гирифта ба пистонакаш шир гирифта меоварду дари хонаашро тақ-тақ карда мегуфт.

– Алӯлак, Булӯлак, Хиштги Сари Тануракам, Тоқчапаракам, мехчапаракам, Болошинакам, Таҳшинакам дарро кушоетон.

**Саволҳо**

1. Рӯзе назди дари Бӯзак чӣ омад?
2. Таҳшинак чӣ гуфт?
3. Саг чӣ кор кард?
4. Дар ҳамон макон боз чиҳо буд.

**2.** Афсонаро то охир расонед.

**3.** Афсонаро бо падару модаратон хонед.






## Дарси 111

# Бозии «Рустшавакон»

**1.** Оё шумо бозии рустшаваконро медонед. Фикратонро баён кунед.



**2.** Шеърро хонед.

Яку дую сею чор
Намешавам интизор,
А гар чашмам кушоям,
Ба ковту ков дароям.

Шеър дар бораи чӣ гап мезанад.

**3.** Калимаи “рустшавакон”-ро ба ҳиҷо ҷудо кунед.

Ин калимаро истифода бурда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**4.** Калимаҳо созед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| Қо | қу | қе | |
| Ту | | ист | ки |
| Му | ло | | мо |

**5.** Хонед.

Ватани мо Қазоқистон. Мо ҳама калонсолону бачагон шаҳрвандони кишвари маҳбуби худ ҳастем. Қазоқистониҳо бо мардуми кишварҳо дар сулҳу дӯстӣ зиндагӣ мекунанд.

Шумо Ватанатонро дӯст медоред?
Пойтахти Ватанамон кадом шаҳр аст?

1. ”Бозии танҳо ва ҷамъ. ”

# Дарси 112 Маршрути саёҳатро чӣ гуна сохтан мумкин?

Калимаҳоро ба гуруҳҳо ҷудо кунед.




















**2.** Хонед.

Дар рӯзаки тобистон<br>
– Мӯрча, эй мӯрча,<br>
Майдаяки зӯрча,<br>
Аз саҳар зери борӣ,<br>
Чиро хона меорӣ?<br>
– Аз паи як-ду дона,<br>
Дона барам ба хона.<br>
Дар рӯзаки тобистон,<br>
Хурам ғами зимистон.



**3.** Чӣ гуна номҳое, ки бо ҳарфи Б сар мешавад ба ту маъқуланд?

**4.** Гулноза ва Одил хат гирифтанд. Хатро хонед.

## Салом Гулноза ва Одил

Барои ёфтани мактаб дар шаҳрчаи бешазор ёрӣ расонед ва ба мо самт саёҳатро созед.

5. Қаҳрамонони афсонаро шинос кунед.





**6.** Афсонаи “Том ва Ҷерӣ”.











Харитаи саёҳати афсонавӣ.



**1.** Чистонро ёбед.



Як ҷонворро бидидам.
Аҷаб хуш месарояд,
Сари ғунча нишаста
Шабро саҳар намояд.

**2.** Тобистону зимистон



Хӯрокаш донаю мағз,
Дар моғаки дарахтон,
Гузорад хонаи нағз

**3.** Чист он, ки монанди мушт.

Ҳам нарм асту ҳам дурушт.
Бораш ҳамеша хор аст.
Хораш ҳамеша дар пуш.



**4.** Аз қассоб ошно дорад.

Ба баққол равуо дорад.
Ба тан ҷомаи заррин,
Ба сар саллаш симин.



**5.** Якто паррандае ҳаст.

Шинад ба шохи ар-ар,
Бегоҳиву пагоҳӣ,
Доим мекунад қар-қар,
Маънои қар-қари он,
Меборад барфу борон



**6.** Худаш бе ҷону аммо.

Номи ду ҷонвар дорад,
Касе, ки ёбад инро дар даҳон,
таъми шакар дорад.



**7.** Чист он, ки зуртарин ҳайвон аст.

Шохи даррандагон аст.



Ҷавоби чистонҳоро ба нақша гиред.

# Дарси 113

# Оид ба саёҳат кадом китобҳоро медонед?

**1.** Калимаҳоро ба нақша гиред.

| | | |
|---|---|---|
| Хона | қалам | модар |
| Хола | китоб | падар |
| Лона | кабк | бобо |
| Лола | кабутар | писар. |

Шумо падару модаратонро дӯст медоред? Барои чӣ?

**2.** Нависед.

## Чу-ҷа

Чу-ҷа-и до-но ба де-вор ба-ро-ма-да гуфт. -Ту-ро фи-реб до-дам.

Ман о-ча на-до-рам, о-чаи ман фаб-ри-ка.



Дар бораи афсона маълумот диҳед.

Чуҷа чӣ кор кард?

**3.** Қаҳрамонҳои мултфилмро номбар кунед.



Кадоми ин қаҳрамонҳоро дӯст медоред.

**4.** Хонед.

## Фирӯз

Дарс тамом шуд. Фирӯз ба хона омад. Ӯ хеле шоду хурсанд буд.

Модараш пурсид:

– Фирӯзҷон чаро ин қадар хурсандӣ?

Фирӯз ҷавоб дод:

– Модарҷон, мо имрӯз аз ҳамаи фанҳо баҳои аъло гирифтам. Модар Фирӯзро ба оғуш гирифт бӯсид ва хурсанд шуд.

1. Фирӯз чӣ гуфт?
2. Модараш чӣ кор кард?

**5.** Калимаи Фирӯз ва модарро ба нақша гиред..

# Дарси 114 Овози (Ч). Ҳарфи Чч

Фикр кунед.

**1. Номи ашёҳоро номбар кунед.**










Чашмони бобо
Гардида хира,
Раҳнамои ӯст
Ҳар ҷо Мунира.

**2.** Шеърро хонед.



Бар-ра-ча, о бар-ра –ча,
Кал-ла-ча-ат ка-ду-ча.
– Ду чаш-ма-кат о-лу-ча,
Ин ла-ба-кат гул ба-рин,
Он ла-ба-кат гул ба-рин.
О-во-за-ки фо-ра-мат
Хо-ни-ши бул-бул ба-рин.

**3.** Аз рӯи калимаҳо ҷумла тартиб диҳед.

Баррача, каллача, олуча, лабакат.

4. Матнро хонед. Калимахое,ки ҳарфи ч дорад ёбед.

Қиш-ло-қи мо чи-но-ри а-зи-ме до-рад.

Дар зе-ри чи-нор чаш-ма аст. О-би чаш-ма хе -ле софва ху-нук ме-бо-шад.

**5.** Матни зеринро хонед.

## Мактаби мо

Мактаб хонаи умумии мост. Мактаб коллективи иттифоқу калон аст. Вай ба мо дари дониш, муҳаббат ва некиро боз мекунад.

Ҳарфи навро ҷо ба ҷо гузоред

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | О | У | Ӯ | И | Е | Б | В | Г | | | | З | | Л | М | Н | Р | |
| | | | | | | П | Т | К | Қ | Ч | С | Ш | Х | | Ф | | | |

# Дарси 115 Саёҳатбон барои чӣ лозим

1. Ҷавоби чистонро гӯед.

Худаш якто  
Чашмаш сад-то  
*(Элак).*

**2.** Худро ҳам чун саёҳатбон фараз кун.



Бо ёрии калонсолон шаҳр ё деҳаи худро ба расм гиред.

Ин аҷоиб! Саёҳатбон ин мутахассиси саёҳат мебошад. Вай бояд таърих, маданият ва ҷойҳои ҷуғрофие ки саёҳат гузаронида мешавад, нағз бояд аз худ карда бошад.

**3.** Бинед Эраҷу Эҳсон чӣ гуна расм гирифтанд.



**4.** Дар бораи касбу ҳунар чӣ медонед.







Оидба ин касбҳо маълумот диҳед.

**5**. Фарқи калима дар чӣст.?



Талаба



Талабаҳо

**6.** Шеърро хонед.

## Хушо китоб бошад

Хушо, ки ҳарфҳоро
Донему хуб хонем.
Ҳар чизи наву кӯҳна
Мо аз китоб донем.
Як лаҳза кун тасаввур,
Моро китоб агар нест

Афсонаҳои ширин
Дар хоби мо дигар нест.
Не қиссаву ҳикоя
Не шеъру достоне
Не номи Рустами гурд
Аз мулки бостоне.

Маънои шерро фаҳмонед.

# Дарси 116 Оё шумо медонед?

**1.** Аввал оҳиста баъд бурро-бурро хонед.

| | | |
|---|---|---|
| Чаро | Ҷӯра | ҷаҳид |
| Ҷаҳид | Чӯра | чаро |

**Қутқару қызметі**
**Хизмати ёри расон**
**Служба спасения**
**Service of rescue**

**2.** Шеърро хонед.

### Чароғаки роҳнамо

Чароғаки роҳнамо
Дорад ҳар як гузаргоҳ,
Ҳар се ранги ба нураш,
Ба мо нишон диҳад роҳ.

Оё шумо аз чароғаки роҳнамо гузаштанро медонед?

**3.** Хонед.

### Чаман ва Ҷовид.

Чаман ва Ҷовид дар вилояти Ҷанубии Қазоқистон зиндангӣ мекунанд. Онҳо дар мактаби миёнаи таҳсилоти умумии ба номи Б. Ғафуров мехонанд. Чаман бо баҳои аъло ва Ҷовид бошад хубу аъло мехонад.

1. Бачаҳо дар куҷо зиндагӣ мекунанд?
2. Онҳо дар кадом мактаб мехонанд?
4. Ба Чаману Ҷовид барои сохтани ҳикоя, дар бораи мошинҳои аҷоиб ёрӣ расонед.




# Дарси 117 Овози (Ҷ). Ҳарфи Ҷ ҷ



Фикр кунед.



**1.** Номи ашёҳоро номбар кунед.





Ҷоруб ба дастам
Покиза ҳастам,
Ба кори наҷо
Ман дил набастам.



**2.** Шеърро хонед.

Ҷӯйҳо равон офтоб гарм,
Бод фораму сабза нарм,
Ин лолаҳоро хандон,
Гиред аз мо модарҷон!

*Лоҳутӣ.*

Калимаи ҷӯйҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

**3.** Матнро хонед.

Ҷа– ми – ла

Ҷамила хона мерӯбад ва суруд мехонад.

**4.** Аз рӯи расм ҷумлаҳо нависед.



**5.** Ба ҳарфи (Ҷ) калимаҳо созед.

Ҳарфи навро ба нақша ҷо ба ҷо гузоред.

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | О | У | Ӯ | И | Е | Б | В | Г | | | | З | | Л | М | Н | Р | Ҷ | | | | | |
| | | | | | | П | Т | К | Қ | Ч | С | Ш | Х | | Ф | | | | | | | | |

# Дарси 118 Аз рӯи расм постер созед

**1.** Гӯш кунед:



Ана мебинед,
Ҷоруб дар дастам,
Бо ин ҷорӯбам,
Хона мерӯбам.

*М. Миршакар*





Калимаи “ҷуворимакка”-ро ба ҳиҷо ҷудо кунед.

**2.** Тезгӯякро талаффуз кунед:

Ҷони оча ба бача
Ҷони бача ба куча.

**3.** Калима созед. Ҳарфҳоро бо ҳам пайваст карда калима ташкил диҳед.



# Дарси 119 Барои чӣ ин хел мегӯянд?

**1.** Маънои зарбулмасалро фаҳмонед:

Дарахт аз реша қувват мегирад,одам аз дӯстӣ.

**2.** Шеърро аз ёд кунед:



Бачаи дилҷӯӣ ман,
Кабкаки хушрӯи ман,
Тӯтии хушгӯи ман,
Сунбули хушбӯи ман,
Эй рагу пайванди ман,
Ҷону ҷигарбанди ман.

*У. Раҷаб.*

**3.** Ба саволҳо ҷавоб диҳед.







1. Харбӯза чӣ гуна аст?
2. Тарбуз чӣ хел шакл дорад?
3. Парранда чӣ кор мекунад?

**4.** Афсонаро хонед, аз рӯи расм афсонаро давом диҳед.

Афсонаи “Хурӯс, буз ва саг”.





**5.** Аз рӯи расм ҷумлаҳо созед.

**6.** Дар ин вазъият чӣ хел маслиҳат медиҳед.

**7.** Аз рӯи расм калимаҳо созед.



# Дарси 120 Овози Э ҳарфи Э

Фикр кунед.



**1.** Номи ашёҳоро номбар кунед.








Элак аз чӯбу сим аст.
Ин асбоби қадим аст.
Элакҳои фурушӣ,
Аз бобои Зафар аст.



**2.** Матнро хонед:

## Элак

Падарам элаки нав харид. Модарам орд бехт. Боре модарам пурсид:

– Эраҷ,ҷавоби чистон чист?



**3.** Худаш якто.

Чашмаш сад –то.
Ман ҷавоб додам: *(элак)*



**4.** Аз рӯи калимаҳо нақша тартиб диҳед:

Э-лак Эраҷ бехт
Чашмаш садто боре.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|



**5.** Шеърро хонед:

Э – мурғи хушпарвоз аст,
Э соҳиби эҷоз аст,
“Э” мегӯяд:-эҳтиёт!
Эҳтиёт ними ҳаёт.



**5.** Ҷавоби кроссвордро ёбед.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| э | | | ҷ | | | |
